Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулхақович дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. - 33 саҳ.)

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 22 дахлнопазирии манзили ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кафолат додааст.

Вобаста ба ин, боби 19 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моддаҳои 143 – 164 дар бар гирифта, ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии конститутсионии инсон ва шаҳрванд муқаррар менамояд.

Доираи ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд хеле васеъ ва гуногун аст. Ба инҳо ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ, баробарӣ, дин, ҳифзи саломатӣ, дахлнопазирии шахсӣ, шаъну шараф, сирри оилавӣ, ҳуқуқ ба манзил, озодии баён, фикр, манзил, молу мулк, мукотиба, алоқаи электронӣ, телеграфӣ ва телефонӣ дохил мешаванд. Ҳуқуқ ба манзил, ҳифзи манзил ва дигар молу мулк ҷузъи ҳаёти шахсии инсон мебошад. Зеро дар давлати демократии ҳуқуқбунёд дахолат ба ҳаёти шахсии ҳар кас манъ гардида, ғайриқонунӣ мебошад. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ба таърифи ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ асос ёфтааст. Манзил, дар навбати худ, маркази ҳаёти шахсии инсон аст. Вазифаи асосии он таъмини амнияти шахс ё шахсони дар он истиқоматкунанда мебошад.

Дар моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шахсии инсон ва шаҳрванд – ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ҳамчун объект бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз гардида, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил муқаррар шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки Файзиев С.А. гузаронидааст, мубрамият ва навоварии илмии он таваҷҷуҳи хоса дорад, зеро дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бисёр масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва коркарди пешниҳоду тавсияҳои мушаххасро бо мақсади такмили қонунгузории амалкунанда талаб менамоянд.

Автореферати диссертатсияи Файзиев С.А. таҳқиқоти мустақилонаи эҷодии илмии проблемаи мубрами ҳуқуқии ҷиноятӣ, натиҷаи кори калони таҳқиқотии муаллиф мебошад.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва 9 зербобҳои мухталиф, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), замима, феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, он ифодакунандаи комили ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро аниқ муайян мекунад.

Муҳтавои автореферати мазкур аз он далолат мекунад, ки тадқиқотчӣ дар иҷрои вазифаҳои гузоштааш ба чунин мақсадҳо ноил гардидааст:

- таърихи инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон омӯхта шудааст;
- масъалаҳои криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил баррасӣ гардидаанд;
- таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ гузаронида шудааст;
- аломатҳои объективӣ ва субъктивии ҷинояти дар моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таҳлил гардидаанд;
- аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил баррасӣ гардидаанд;
- пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркард ва таҳия гардидаанд.

Маврид ба зикр намудан аст, ки новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои таҳлилу баррасии амиқи илмиро талабкунанда, ҷой доранд. Аз ҷумла, диссертант дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи автореферат қайд менамояд, ки объекти бевоситаи моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро “Муносибатҳо вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахсӣ дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил” эътироф намудааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, аксар олимон объекти умумӣ, гурӯҳӣ (хелӣ) ва намудӣ, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда ҳамчун объекти ҷиноят эътироф менамоянд. Объекти бевосита бошад, муносибати мушаххаси бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда қобили қабул аст.

Эроди баёншуда хусусияти мутлақо муайянро надошта, арзиши натиҷаҳои илмию амалии бадастомадаи таҳқиқотро тағйир намедиҳад.

Аз баррасии ин автореферат, хулоса кардан мумкин аст, ки Файзиев С.А. ҳангоми таълифи рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», аз худ маҳорати хуби

эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва сохти илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарадаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Муовини сардори Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм,
н.и.ҳ, дотсент
подполковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р.

“Имзои Раҳмадҷонзода Р.Р.-ро тасдиқ менамоям”
Муовини сардори Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
оиди кор бо ҳайати шахсӣ,
полковники милитсия Шарифзода М.С.
“05” 12 соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru